**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждонӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждонӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Раванди гузариш ва баъдан мукаммал гардонии муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кариб си сол давом дорад. Бо вуҷуди ин, мушкилоти касри сармоягузорӣ дар иқтисоди кишвар то имрӯз шадид боқӣ мемонад. Ҷорӣ ва татбиқи самараноки тадбирҳо оид ба ҷалби маблағҳои сармоягузорони хусусӣ дар бахши давлатӣ ва мутаносибан таҳия ва такмил додани заминаи зарурии ҳуқуқӣ мубрамияти бештар пайдо мекунад.

Одатан, ба маблағгузорӣ объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва дигар инфрасохтори ба ҷамъият муҳим эҳтиёҷ доранд. Истифодаи хусусигардонӣ ва низоми иҷозатномадиҳӣ ҳамчун модели асосии ҳамкории байни давлат ва сармояи хусусӣ аз ҷиҳати ҳаҷми сармоягузорӣ нокифоя аст. Эҳтиёҷот ба воридшавии сармоя ба соҳаҳои фаъолият, ки ба давлат афзалиятнок мебошанд, зарурати ҷорӣ намудани шаклҳои самарабахши шарикии давлат ва бахши хусусиро (ШДХ) тақозо мекунад. Бинобар ин шартномаи консессионӣ шакли алтернативӣ ва мутавозини муносибатҳои байни давлат ва сармоягузори хусусӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо мутобиқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидааст.

Натиҷаҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ҷанбаи илмию назариявӣ ва амалӣ дошта, барои такмили қонунгузорӣ дар самти шартномаҳои консессионӣ мусоидат менамоянд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия аз он иборат аст, ки аввалин маротиба дар илми ватании ҳуқуқӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявию амалӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ анҷом дода шуд. Самтҳои асосии таҳқиқот ба муайян намудани дурнамои рушди ҳамкории консессионии давлат ва соҳибкории хусусӣ, таҳлили қонунгузорӣ дар ин соҳа, муайян кардани норасоиҳои мавҷуда ва пешниҳоди таклифҳои мушаххас барои такмили он равона гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсия** аз он иборат мебошад, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдода пешниҳодҳои назариявию амалӣ ва ташкилию стратегиеро, ки метавонанд дар ҷараёни такмили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилии соҳаи консессия, инчунин танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ байни давлат ва бахши хусусӣ муфид бошанд, манзур намудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар кори илмии мазкур оварда шудаанд, метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи ин мавзуъ, фаъолияти таълимӣ ва такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи консессия истифода шаванд.

**Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, сазовори таваҷҷуҳ буда, мусбат арзёбӣ мегарданд:**

1. Хусусиятҳои рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар шароити муосир шарҳ дода шуда, ҳолати ташаккули як фаҳмиши сиёсӣ-консепуталии муҳимияти чунин шарикӣ, махсусан барои лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ҳам барои давлат ва ҳам барои тиҷорат аҳамияти аввалиндараҷа доранд, тасдиқ мегардад.

Маҷмӯи таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии пайдоиш ва рушди муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд, ки истифодабарии моликияти давлатӣ дар асоси консессия ва бо ҷалби воситаҳои молиявию технологӣ ва дигар воситаҳои бахши хусусӣ самарабахш мебошад.

2. Заминаҳои таърихию объективонаи рушди консессия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд, ки ба хусусиятҳои зерин алоқаманд мебошанд:

а) ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва гузариши иқтисодиёт ба шакли бозории хоҷагидорӣ дар ҶТ;

б) барасмиятдарории шаклҳои нави ҳуқуқии шарикии давлативу хусусӣ, баҳогузории самаранокӣ ва зарурати рушди минбаъдаи он;

в) мавҷудияти захираҳои табиӣ дар қаламрави мамлакат ва дурнамои ҷалби сармояи хориҷӣ бо мақсади коркарди минбаъдаи онҳо;

г) истифодаи оқилонаи захираҳои обии дар кишвар мавҷудбуда бо мақсади баланд бардоштани иқтидори энергетикӣ, ки ба ҳалли мушкилоти

норасоии нерӯи барқ дар асоси консессия, хусусан дар фасли зимистон равона шудааст.

Вале, новобаста аз мавҷудияти имкониятҳоиояндадор, таҷрибаи миллии консессионӣ тавассути баимзорасонии шартномаҳои дахлдор рушди босуръат надошт, ки сабабҳои онро метавон чунин шарҳ дод:

а) ҳодисаҳои марбут ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки ба имиджи давлат таъсиргузор буда, боварии сармоягузорони хориҷиро барои анҷоми фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвари мо ба таври ҷиддӣ коҳиш дод;

б) кӯшишҳои аввалини таҷрибаи дар амал татбиқшудаи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, ки баҳогузории тавакалҳо ва таҳлили самаранокиро тақозо менамояд;

в) ба мушоҳида расидани дигар монеаҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ва мушкилоти татбиқи шартномаҳои консессионӣ ва ғайра.

3. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои консессионӣ, ки дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар ҶТ қабул гардидаанд, нишон медиҳад, ки дар муқаррароти онҳо вобаста ба додани ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиӣ (қитъаҳои замин, конҳои маъданҳои фоиданок) ва дигар объектҳои хоҷагидорӣ ба консессионер хатогию номутобиқатиҳои мушаххас ҷой доранд, ки дар навбати худ барои рушди минбаъдаи муносибатҳои консессионӣ дар кишвар монеаҳо эҷод менамоянд.

Ҳамзамон, муҳокимаҳои давомдори илмӣ дар бораи хусусияти (табиати) ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ муайян карда шуда, бо таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъала ба мавқеи олимон вобаста ба пазируфтани шартномаи консессионӣ, ҳамчун шакли маданӣ-ҳуқуқии ҳамбастагии байни концедент ва консессиядор, ки ба ҳолати имрӯзаи танзими муносибатҳои уфуқӣ мувофиқат менамояд, афзалият дода мешавад. Қобили зикр аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баъзе шарҳу эзоҳ, одатан шартномаҳои консессиониро ба сифати шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ муайян кардааст. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2022 ба масъалаҳои консессия бахшида шудани боби 61 тасдиқи гуфтаҳои боло мебошад.

4. Бо ба инобат гирифтани вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои консессионӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ таҳлили пайваста ва мониторинги доимии вазъи истифодаи моликияти давлатиро гузаронида, соҳаҳои фаъолияте, ки ба ҷалби сармоягузории хусусӣ, махсусан дар шакли консессия эҳтиёҷ доранд, муайян карда, лоиҳаҳои консессионии барои иқтисодиёт ҷолиброро сари вақт таҳия ва барои амалигардонӣ пешниҳод созад ва дар ин замина мушкилоти соҳаи конссесияи миллиро сари вақт ошкор ва баҳри бартараф намудани онҳо таклифҳои судманд манзур намояд.

Гузаронидани ҳисобҳои пешакӣ ва арзёбии лоиҳаҳои эҳтимолӣ ва имконпазири консессионии аз нигоҳи иқтисодӣ самаранок қобили дастгирӣ шуморида шуда, пешниҳод гардидааст, ки танзими ҳуқуқӣ ва тартиби баргузории он бо роҳи қабули санади алоҳидаи меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва додани ин ваколат ба мақоми ваколатдори давлатӣ

амалӣ карда шавад. Ба андешаи муаллиф чунин тарзи корбарӣ имконият медиҳад, ки моликияти давлатии бесамар ё ғайримақсаднок истифодашаванда сари вақт муайян гардида, довталабони манфиатдор барои ба консессия гирифтани чунин молу мулк аз маҷмӯи талаботи ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоии ба консессия гирифтани чунин моликият қаблан бохабар гарданд.

5. Таҷрибаи бегона кардани дороии консессионӣ аз рӯи шартномаи консессионӣ, ки дар шартномаи консессионии системаи энергетикии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешбинӣ гардидааст, такмилталаб буда, минбаъд метавонад таҷрибаи пурра бегона кардани объектҳои консессиониро ба миён оварад ва ба ин васила бартарӣ ва самаранокии истифодаи молу мулки давлатиро дар асоси консессия нисбат ба хусусигардонии моликияти давлатӣ зери шубҳа гузорад.

6. Норозигии илмии худро ба мавқеи ҷорӣ намудани ҳисобии (отчисление) иловагӣ аз консессиядор вобаста ба ҳаҷми даромади ӯ баён месозем, чунки чунин амалия метавонад консессиядорро ба ҳолатҳои пинҳонкунии даромади худ ва ё маҳдуднамоӣ ба афзоиши минбаъдаи истеҳсолоти консессионӣ водор намояд.

Пурра ва ҳамаҷониба мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор нагирифтани масъалаи кафолатҳои ҳуқуқии консессиядор дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо», ки боиси номукаммал гардидани низоми ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо гардидааст, метавонад дар оянда ба амалигардонии самараноки шартномаҳои консессионӣ монеа эҷод намояд. Аз ҷониби қонунгузор зимни қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» аз соли 2011 хориҷ намудани ҳуқуқи конседент дар хусуси бо тартиби яктарафа қатъ кардани шартномаи консессионӣ, худ ҳамчун кафолати махсуси консессиядор муаррифӣ мегардад. Ҳамзамон, тартиби ҳалли баҳсҳо байни консессиядор ва конседент такмили минбаъдаро тақозо дошта, пешниҳод мегардад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» имконияти баррасии баҳсҳои консессионӣ дар суди ҳакамӣ ё арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ пешбинӣ карда шавад. Зикр бояд кард, ки новобаста аз набудани чунин меъёр дар Қонун, ин муқаррарот дар шартномаҳои басташудаи консессионӣ пешбинӣ шудаанд, яъне инро консессиядор ҳамчун кафолати ҳуқуқҳои худ тақозо дорад. Ҳамзамон, бинобар таҷрибаи бойи худ арбитражи байналмилалӣ метавонад ба баррасии ихтисосманди баҳсҳои консессионӣ мусоидат намояд.

7. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди танзими ҳуқуқии иштироки давлат дар муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ, принсипи баробарии ташкилоти оммавӣ-ҳуқуқиро бо дигар иштирокчиёни оддии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дастгирӣ менамояд. Таносуби масъулияти ҳуқуқии давлат ва масъулияти ҳуқуқии мақомоти давлатӣ дар назди консессиядор нишон медиҳад, ки новобаста аз он ки кадом мақомоти давлатӣ шартномаи консессиониро ба имзо мерасонад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ҳамчун консендант боқӣ мемонад, ки гувоҳи масъулияти пурраи шартномавии давлат дар назди консессиядор мебошад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои методологии таҳқиқоти рисоларо усулҳои диалектикии дарк, усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Мавзуи мазкур аҳаммияти илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф дар ин самт барои рушди соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа мусоидат менамояд.

Махсусан, муаллиф нуқтаҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мегузорад. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳаммияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни ҳуқуқи маданӣ истифода бурд. Инчунин маводҳои диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзӯи ҳуқуқи шартномавӣ мавриди корбарӣ қарор гирад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Вобаста ба мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 1 монография ва 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзуи интихобнамудааш дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намуда, инчунин дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии ҶТ фаъолона иштирок намудааст.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия.** Рисолаи мазкур вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 9 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои

методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Боби аввали диссертатсия “**Заминаҳои объективии танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**” ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар он масъалаҳои заминаҳои рушди шартномаҳои консессионӣ ҳамчун шакли муносибат байни давлат ва сармоягузори хусусӣ ва асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст (саҳ. 19-53).

Боби дуюми диссертатсия «**Асоноккунии назариявии табиати ҳуқуқии шартномаи консессионӣ**» - аз чор зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ, хусусияти таркиби субъективии шартномаи консессионӣ, хусусиятҳои бастани шартномаи консессионӣ ва таносуби шартномаҳои консессионӣ бо шартномаҳои ба ҳам алоқаманд баррасӣ шудааст (саҳ. 54-122).

Боби сеюми диссертатсия «**Иҷрои ухдадориҳо дар доираи шартномаи консессионӣ**» - аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои Ҳуқуқ ва ухдадориҳои субъектҳои шартномаи консессионӣ , Кафолати ҳуқуқҳо тибқи шартномаи консессионӣ ва Ҷавобгарии тарафҳои шартномаи консессионӣ барои иҷро накардани ухдадориҳо таҳлил гардидааст (саҳ. 123-170).

Дар маҷмуъ тартиби дурусти ҷобаҷогузории бобҳо ва пайдарҳамии масъалаҳо дар зербобҳо риоя гардидааст.

Дар хулоса муаллиф тамоми масъалаи таҳқиқшавандаро натиҷагирӣ намуда пешниҳодҳои илман асоснокро манзур намудааст, ки онҳо аҳаммияти муҳими илмию назариявӣ дорад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Умуман, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро дар сатҳи баланд баҳо дода, бояд як қатор эродҳо ва норасогиҳоро қайд намуд:

1. Муаллиф дар саҳифаҳои 35, 37, 38 ва ғайра дар бораи объектҳои шартномаи консессионӣ гуфта гузаштааст. Дар м. 286 КМ ҶТ сухан дар бораи “моликияти истисноии давлат” меравад, ки манша аз моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта, “фазои ҳавоӣ” “замин” ва ғ. ҳамчун объекти моликияти истисноии давлат ба маънои маданӣ-ҳуқуқӣ набуда, балки ба маънои конситутсионӣ-ҳуқуқи аст. Аммо дар м. 1167 КМ ҶТ сухан дар бораи “моликияти давлатӣ” меравад ва “фазои ҳавоӣ” замин” ва ғ. ҳамчун объекти моликияти давлатӣ на моликияти истисноии давлат пазируфта шудааст. Бинобар ин аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки роҷеъ ба ин масъала фикру андешаҳои худро иброз намояд.

2. Дар саҳифаи 50-и рисола диссертант пешниҳод менамояд, ки молу мулке, ки ба консессия дода мешаванд, бояд ба талаботи зерин мутобиқ бошад:

- дар моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;
- аз ҳуқуқҳои тарафи сеюм озод бошад (набояд ба иҷора, гарав супорида шуда бошад ва бо дигар маҳдудиятҳо вобаста бошад).

Тибқи қ. 2 м. 1167 КМ ҶТ ба сифати объекти шартномаи консессионӣ замин, канданиҳои фоиданок, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва ғ. баромад менамояд, дар ин робита диссертант пешниҳод менамояд, ки пеш аз

он ки онҳо ба сифати объекти чунин шартнома баромад намоянд, онҳо бояд аз ҳуқуқҳои тарафи сеюм озод бошанд (набояд ба иҷора, гарав супорида шуда бошад ва бо дигар маҳдудиятҳо вобаста бошад). Савол ба вуҷуд меояд, ки замин, канданиҳои фоиданок, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва ғайра тибқи м. 286 КМ ҶТ ба сифати моликияти истисноӣ баромад намуда, дар кадом ҳолатҳо объктҳои номбаршуда дар гарав ё ин, ки дар иҷора қарор дошта метавонанд?

Эродҳо ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шудаанд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозад ва танҳо шаҳодати он мебошад, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса.** Рисолаи мазкур аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ ва қонунгузорӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзуи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд»**, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Абдуллозода Аҳтам Рустам** сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Д.А. Сидиқов

«Имзои Сидиқов Д.А.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон А.А. Раҳимов

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru

29. 08. 21